МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ
«ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ- иҷтимоии Тоҷикистон»
_________ н.и.и. З.Ҳ.Ибодзода
«_17_» _11_ соли 2020, №_27_

# НИЗОМНОМА
# ОИД БА ШӮРОИ МАРКАЗИИ ТАЪЛИМӢ – МЕТОДИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

Душанбе 2020

# НИЗОМНОМА
# ОИД БА ШӮРОИ МАРКАЗИИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДИИ МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1.Шӯрои марказии таълимӣ-методии донишкада мутобиқи Низомномаи мактабҳои олӣ мақомоти машваратии доимамалкунандаи донишкада буда, масъалаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти нерӯи илмӣ-педагогии донишкада, коркарди тавсияҳои илман асоснок барои беҳтар намудани корҳои таълимӣ, таълимиву методӣ муолиҷавию тарбиявӣ, банақшагирии дурнамои такмили ихтисос, тайёр намудан ва бозомӯзии мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёна, такмили ихтисоси кормандони илмӣ - педагогӣ, дастгирии таълимии кормандон, беҳтар намудани таъминоти методӣ ва дидактикӣ дар раванди таълим, татбиқи илм ва амалияи он фаъолият менамояд.

1.2. Шӯро, фаъолияти худро дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Шӯрои олимон ва дастуру супоришҳои муассис ва ректори донишкада ба роҳ мемонад.

1.3. Фаъолияти Шӯрои марказии таълимӣ-методӣ дар асоси принсипҳои қонуният, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд ва якҷоякунии ҳамкорӣ асос ёфтааст.

## 2.ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ШӮРОИ МАРКАЗИИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДӢ

2.1. Такмили корҳои таълимӣ– методии донишкада дар асоси талаботҳои муосир барои омӯзиши касбӣ;

2.2. Таҳқиқ, таҳия ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ;

2.3. Ташкили технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим;

2.4. Баррасӣ ва таҳлили китоби дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, тавсия барои нашр ва истифода дар ҷараёни таълим;

2.5.Таҳлили таъминоти раванди таълим бо адабиёти таълимӣ ва дастурҳои таълимӣ ва андешидани чораҳои мушаххас;

2.6. Баланд бардоштани малакаи касбии кадрҳои педагогӣ;

2.7.Баррасӣ, таҳлил ва тасдиқ кардани талаботи меъёрии донишкада вобаста ба корҳои методӣ ва ҳолати маводҳои таълимӣ методӣ;
2.8.Ташкил ва гузаронидани конференсияҳои таълимӣ-методӣ;
2.9.Тибқи нақша дар ҷаласаҳо баррасӣ намудани ахбороти роҳбарони қисмҳои таълимии донишкада оид ба масъалаҳои таълимӣ-методӣ.
2.10.Ворид намудани ислоҳоти зарурӣ ба барномаҳои намунавии таълимӣ ва шаклҳои назорати дониш (OSCE, саволҳои тестӣ, масъалаҳои вазъӣ ва ғайра), ки барои омодасозии мутахассисон тибқи касб истифодашаванда;
2.11.Рад намудани нақшаҳои таълимӣ, лексияҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, тавсияҳои методӣ ва дигар коркардҳо дар ҳолати номувофиқии онҳо бо низомномаи мактабҳои олӣ;
2.12.Барои нашр тавсия намудани барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ, лексияҳо, коркардҳои методӣ, шаклҳои назорати дониш ва дигар ҳуҷҷатҳои таълимиву методӣ, муолиҷавию тарбиявии донишкада дахл дошта, бидуни Шӯрои таҳририву нашриявии ташкилотҳои болоӣ;
2.13.Барои баррасии ташкилотҳои болои расонидани масъалаҳо ва пешниҳодотҳо оид ба такомули фаъолияти таълимиву методӣ, илмиву таҳқиқотӣ ва муолиҷавию тарбиявии кафедра ва курсҳои донишкада.

## 3. ҲУҚУҚҲОИ ШӮРОИ МАРКАЗИИ ТАЪЛИМӢ – МЕТОДӢ

3.1. Банақшагирӣ ва ҳисоботи ҳуҷҷатҳои Шӯрои марказии таълимӣ-методиро ба роҳ мемонад;
3.2. Масъалаҳои усулҳои таълимӣ ва таълимӣ - методии донишкадаро баррасӣ менамояд;
3.3. Мавзӯъҳои корҳои муайянкардашудаи хатмро тасдиқ менамояд;
3.4. Дар бораи ҷорӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим, шаклҳои фаъол ва усулҳои таълимӣ чораҳо меандешад;
3.5. Масъалаҳо вобаста ба омӯзиш, ҷобаҷогузорӣ ва паҳн намудани таҷрибаи педагогиро равнақ медиҳад;
3.6. Базаи таълимӣ – методии донишкадаро равнақ медиҳад;
3.7. Натиҷаҳои гузаштани таҷрибаомӯзии донишҷӯён, шунавандагон ва дигар муасилини донишкадаро баррасӣ менамояд;
3.8. Масъалаҳоро дар бораи гузаронидани ҷаласаҳо, озмунҳо муайян менамояд;
3.9. Мактаби педагогиро рушд медиҳад.

3.10. Масъалаҳои таҳкими робитаҳои таҳсил бо илм ва таҷрибаро амалӣ менамояд;
3.11. Барномаҳои кориро тибқи стандартҳои мавҷуда таҳия менамояд;
3.12. Иҷрои қарорҳои Шӯрои таълимӣ – методиро назорат менамояд.

## 4.ТАРКИБ ВА СОХТОРИ ШӮРОИ МАРКАЗИИ ТАЪЛИМӢ- МЕТОДӢ

4.1.Ҳайати Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ бо фармоиши ректори донишкада дар оғози соли таҳсил тасдиқ карда мешавад.

4.2. Ба ҳайати Шӯрои марказии таълимӣ-методӣ ҳатман деканҳо, ки раисони Шӯроҳои таълимӣ-методии факултетҳо мебошанд, муовини деканҳо, мудири шуъбаи назорати сифати таҳсилоти донишкада, сардори Раёсати ташкил ва мутобиқсозии раванди таълим, мудири китобхона, раиси иттифоқи касабаи донишкада ворид шуда, дигар аъзоёни Шӯро аз шумули сардорони шуъбаҳо, кафедра ва курсҳои донишкада таъин мешаванд. Мудирони кафедра ва курсҳое, ки ба ҳайати Шӯрои марказии таълимӣ-методӣ шомил нестанд, ҳатман бояд дар ҳама ҷаласаҳои иштирок намоянд. Тибқи зарурият Шӯрои марказии таълимӣ-методӣ ҳақ дорад ба кори он ҳар як корманди донишкадаро ҷалб намояд. Барои коркарди тавсия ва пешниҳодот тибқи масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шӯрои марказии таълимӣ-методӣ мансубанд, дар назди он гуруҳҳои кории марбут ва масъалаҳои алоҳидаи фаъолияти Шӯро метавонанд ташкил шаванд. Тавсияҳо ва пешниҳодоти гуруҳҳои корӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои марказии таълимӣ-методӣ баррасӣ мегарданд.

4.3. Муҳлати ваколати раис, муовин, котибот ва хайати дигари Шӯрои марказии таълимӣ–методи ба муддати 3 сол тасдик мешавад. Фаъолияти Шӯрои марказии таълимӣ-методӣ ё аъзои он метавонанд пеш аз мӯҳлат тибқи тартиби муқаррарнамудаи ректори донишкада дар асоси ҳисоботи раиси Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ ё қарори суд қатъ карда шавад.

## 5.ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ РАИС, МУОВИНИ РАИС, АЪЗО ВА КОТИБИ ШӮРОИ МАРКАЗИИ ТАЪЛИМИ -– МЕТОДӢ

5.1. Раиси Шӯрои марказии таълимӣ – методӣ аз шумораи муовини ректори донишкада тибқи фармоиши ректор таъин карда мешавад ва :

- фаъолияти Шӯроро назорат намуда, барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда масъул мебошад;
- таърих, вақт ва ҷои баргузоршавии ҷаласаҳои Шӯрои маркази таълимӣ– методиро таъин мекунад;
- ҷаласаи Шӯрои маркази таълимӣ– методиро роҳбарӣ мекунад, иҷрои қарорҳои онро назорат мекунад ва ҳамкории Шӯрои маркази таълимӣ - методиро бо Шӯрои олимон ва воҳидҳои сохтории донишкада ҳамоҳанг месозад;
- барои баррасии ҳуҷҷатҳо ба ректори донишкада ҳисобот ва нақшаҳои Шӯрои маркази таълимӣ–методиро пешниҳод менамояд;
- сифати маводҳои барои баррасӣ пешниҳодшуда ва қарор оид ба масъалагузорӣ намудан дар ҷаласаи Шӯрои маркази таълимӣ - методиро муайян мекунад;
- ҳама масъалаҳои ба Шӯрои маркази таълимӣ – методӣ баровардашуда қаблан дар ҷаласахои Шуроҳои таълимӣ-методии факултетҳо ҳатман баррасӣ карда мешаванд;
- маълумот ва маводҳои ба фаъолияти Шӯро дахлдоштаро аз воҳидҳои сохтории донишкада талаб мекунад, ки барои ташкили ҷаласаҳои Шӯрои маркази таълимӣ - методӣ заруранд;
- дар асоси илм бо истифодаи усулҳои самараноки таълимӣ ва воситаҳои техникӣ ташкил намудани раванди таълим ва идораи он;
- рушди фаъолияти илмиву таҳқиқотии донишкада бо назардошти раванди илмиву тахкикотии донишкада бо назардошти раванди илмиву техникӣ, амали намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар раванди таълим ва муолиҷа дар кафедра ва курсҳои донишкада ва тибқи зарурият пешниҳоди онхо ба мақомоти болоӣ;
- такомули сохтори такмили ихтисоси кормандони илмиву педагогӣ;
- рушди алоқаҳои байналмилалии таълимиву педагогӣ;
- нақшаи кори Шӯрои маркази таълимӣ-методӣ ҳар сол дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада баррасӣ гардида, бо фармоиши ректори донишкада тасдиқ карда мешавад;
- ҷаласаи Шӯрои маркази таълимӣ-методӣ дар 2 моҳ як маротиба гузаронида шуда, протоколи он аз тарафи котиб сабт мегардад.

5.2. Муовини раиси Шӯрои маркази таълимӣ – методӣ бо фармоиши ректори донишкада аз шумули аъзоёни Шӯрои маркази таълимӣ-методӣ таъин карда мешавад. Муовини раиси Шӯро мониторинги

татбиқи нақшаҳои кории Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ ва иҷрои қарорҳои онро ташкил намуда, масъалаҳои пешниҳодшударо барои ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои марказии таълимӣ –методӣ коркард менамояд.

5.3 Вазифаҳои котиби Шӯрои марказии таълимӣ - методӣ иборатанд:

- ҷамъоварӣ, тартиб додан ва ҳисоботи раиси Шӯрои марказии таълимӣ– методӣ барои гузаронидани ҷаласаи Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ бо тартиби пешбининамудаи Низомномаи мазкур;
- ташкил намудани шиносоии ҳайати Шӯрои маркази таълимӣ - методӣ бо маводҳои ҷаласаи навбатӣ;
- сабт намудани протоколи ҷаласаҳои Шӯрои марказии таълимӣ - методӣ, тайёр намудани иқтибос аз протоколҳо, расонидани саривақтии қарорҳои иҷрогардидаи Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ;
- дар вақти иҷро намудани вазифаҳои худ котиби Шӯрои марказии таълимӣ - методӣ ҳуқуқ дорад:

- тибқи тартиби муқаррарнамуда аз воҳидҳои сохтории донишкада пешниҳодҳо, маълумот, маълумотномаи оморӣ ва дигар мавод ва маълумоти заруриро барои тайёр намудани ҷаласаҳои Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ ва таъмини назорат аз болои иҷрои қарорҳои он дархост намояд;
- талаб намояд, ки ҳуҷҷатҳои барои баррасӣ дар Шӯрои марказии таълимӣ - методӣ 10 рӯз пеш аз ҷаласаи навбатӣ пешниҳод намоянд.
- дар мавриди мувофиқат накардани маводҳои пешниҳодшуда ба талаботи Низомномаи мазкур онҳоро ба шахсони масъул барои баррасии такрорӣ, баргардонад.

## 6.ИШТИРОКЧИЁНИ ДИГАРИ ҶАЛАСАҲОИ ШӮРОИ МАРКАЗИИ ТАЪЛИМӢ – МЕТОДӢ

6.1.Барои баррасии масъалаҳои ҷаласаҳои Шӯрои марказии таълимӣ - методӣ, бо қарори раиси Шӯрои таълимӣ - методӣ метавонанд иштирок намоянд;

6.2.Ҳайати профессорон, омӯзгорон ва кормандони донишкада;

6.3.Намояндагони ҳокимияти иҷроия ва қонунгузорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар вазорату идораҳо;

6.4.Намояндагони ташкилотҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ;

6.5.Даъватшудагон ба ҷаласаи Шӯрои марказии таълимӣ– методӣ танҳо дар муҳокимаи он масъалаҳое, ки оид ба он даъват шудаанд метавонанд дар баҳсу суханронӣ иштирок карда, пешниҳодҳо намоянд, саволҳо ва маълумотҳо диҳанд. Онҳо дар овоздиҳӣ иштирок карда наметавонанд.

## 7.ТАРТИБИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ МАРКАЗИИ ТАЪЛИМӢ—МЕТОДӢ

7.1.Назорат ва мувофиқсозии фаъолияти Шӯроҳои таълимӣ - методии факултетҳо;

7.2. Ба роҳ мондани кори Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ мувофиқи нақшаи таҳияшуда, аз рӯи пешниҳодҳои воҳидҳои сохтории донишкада, аъзои Шӯрои марказии таълимӣ– методӣ, қарорҳои Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ дар доираи салоҳияти Шӯрои марказии таълимӣ – методӣ;

7.3.Беҳтар намудани сифати таълим ва фаъолияти педагогӣ дар кафедра ва курсҳои донишкада бо дарназардошти талаботи муосир;

7.4.Тасдиқи лоиҳаҳои барномаҳои таълимии нав–таъсис ва аз нав дида баромада шуда, маърӯзаҳо ва шаклҳои назорати дониш (OSCE, саволҳои тестӣ, масъалаҳои вазъӣ) дар кафедра ва курсҳо кор кардашуда;

7.5.Омодасозии китобҳои дарсӣ, дигар адабиётҳои таълимиву методӣ, илмиву таълимӣ барои тасдиқи ташкилотҳои болоӣ тибқи тартиботи муқарраршуда;

7.6.Маъқул кардани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, тавсияҳои методӣ ва дигар коркардҳои ҳайати олимону омӯзгорони кафедраю курсҳо пешниход намуда;

7.7. Гузаронидани таҳлили фаъолияти илмиву методӣ ва муолиҷавию тарбиявии кафедра ва курсҳои донишкада;

7.8. Пешниҳодҳо ба нақшаи кории Шӯрои марказии таълимӣ– методӣ ба котиби Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ то 10 июни соли ҷорӣ;

7.9.Аъзои Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ кори Шӯрои марказии таълимӣ - методиро дар нақшаҳои инфиродии худ ба ҳисоб мегиранд;

7.10.Рӯзномаи ҷаласаи Шӯрои марказии таълимӣ –методӣ аз ҷониби котиби Шӯрои марказии таълимӣ – методӣ дар доираи масъалаҳои нақшаи кории Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ, пешниҳодҳо тартиб дода шуда, аз ҷониби раиси (муовини раиси) Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ тасдиқ карда мешавад;

7.11. Масъалаҳои берун аз нақша дар лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи Шӯрои марказии таълимӣ – методӣ, бо розигии пешакии раиси (муовини раис) Шӯрои марказии таълимӣ –методӣ дохил карда мешаванд;

7.12. Дар сохтори Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ бахшҳои алоҳидаи кор барои иҷрои корҳои таҳлилӣ ва ҳалли масъалаҳои дигар ташкил карда мешавад;

7.13. Ба ғайр аз рӯзномаи корӣ рӯйхати зерини маводҳо барои ҷаласаҳои Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ омода карда мешаванд:

7.13.1. Варақаи иштироки иштироккунандагони чаласа;

7.14. Барномаи фанҳои таълимӣ, барномаҳои кории таълимӣ, барномаҳои аттестатсияи давлатӣ на дертар аз 20 рӯз ва дигар маводҳои таълимӣ - методӣ на дертар аз 1 моҳ то ҷаласаи Шӯрои марказии таълимӣ – методӣ барои баррасӣ пешниҳод карда мешаванд;

7.15. Масъулият барои сифати мавод дар Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ пешниҳодшуда, дурустии маълумоти дар он мавҷуда ва риояи мӯҳлатҳои пешниҳоди маводҳо ба зиммаи сардори шӯъбаи таълим гузошта мешавад;

7.16. Дар ҳолатҳое, ки ҳуҷҷатҳо оид ба масъалаи рӯзномаи корӣ дар мӯҳлати муайян пешниҳод карда намешаванд шахси масъул оид ба сабабҳои он ба раиси Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ ва котиби он ба таври хаттӣ гузориш медиҳад;

7.17. Дар ҳолати пешниҳоди маводҳое, ки ба талаботи Низомномаи мазкур мувофиқат намекунанд ё вайрон намудани мӯҳлати пешниҳоди онҳо, котиби Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ масъул мебошад;

7.18. Котиби Шӯрои марказии таълимӣ - методӣ на дертар аз 3 рӯзи корӣ пеш аз санаи баргузоршавии ҷаласаи Шӯрои марказии таълимӣ– методӣ, аъзоёни он ва дигар иштирокчиёни ҷаласаро оид ба сана, вақт ва ҷои гузаронидани ҷаласа ва рӯзнома маҷлис огоҳ месозад;

7.19. Карорҳои ҷаласаҳои Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ тибқи ҳама масъалаҳо ба райъдиҳии кушоди аъзои Шӯро бо бартарии аксарияти райъҳо қабул карда мешаванд;

7.20. Ҷаласаи Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ дар ҳолате боэътимод descриста мешавад, ки агар дар он на камтар аз 2/3 нафар аъзоёни Шӯро иштирок намоянд;

7.21. Презентатсияҳо одатан дар давоми 20 дақиқа, мубоҳиса то 5 дақиқа, барои намоишномаҳои такрор, паёмҳо, дархост, саволҳо, пешниҳодҳо то 2 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад.

## 8. МУҲОКИМА, ТАРТИБИ ПРОТОКОЛ ВА ҚАРОР ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ДАР ҶАЛАСА ҚАБУЛ ГАРДИДА:

8.1.Ҳуҷҷати ниҳоии ҷаласаи Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ протокол мебошад, ки ба он муҳокима, супоришҳо ва қарорҳои доир ба масъалаҳои баррасигашта қабул шуда, дохил карда мешавад;

8.2. Омода кардани протокол ба зиммаи котиби Шӯрои марказии таълимӣ – методӣ вогузор карда шудааст;

8.3.Дар протокол рақами тартибии он, сана, ҷойи баргузорӣ, вазифа ва ному насаби роҳбар, масъалаҳои баррасишуда, ному насаби баромадкунандагон нишон дода мешавад;

8.4. Протокол аз қисми пешакӣ ва қисмҳои маъмурӣ иборат аст. Дар пешгуфтор ҷараёни баррасии масъала дар шакли кӯтоҳ дар қисмҳои маъмурӣ – қарорҳо ва фармоишҳо зимни ҷаласаи Шӯрои марказии таълимӣ– методӣ бо муҳлати иҷро ва шахсони масъул нишон дода мешавад;

8.5.Протокол аз ҷониби раис (муовини раис) ва котиби Шӯрои марказии таълимӣ– методӣ дар давоми 5 рӯзи баъди гузаштани ҷаласа протоколи қарори Шӯроро ба имзо мерасонанд.

8.6. Иҷрои супоришҳо дар протокол баён гардида, барои ҳамаи шахсони масъули донишкада ҳатмист;

8.7. Назорати иҷрои қарорҳо аз ҷониби раиси Шӯрои марказии таълимӣ –методӣ ташкил карда шуда, масъулияти назорати иҷрои онҳо ба муовини ӯ вогузор карда шуда, на камтар аз ду маротиба дар як сол дар бораи иҷрои қарорҳои Шӯрои марказии таълимӣ – методӣ дар ҷаласаи Шӯрои марказии таълимӣ– методӣ ӯ маълумот медиҳад;

8.8.Кормандон ва омӯзгорони донишкада ҳуқуқ доранд бо маводҳои Шӯрои марказии таълимӣ–методӣ, ки ба онҳо марбут аст, шинос шаванд.

8.9. Қарорҳои Шӯрои марказии таълимӣ – методӣ пас аз фармоиши ректори донишкада қурби ҳуқуқӣ пайдо менамоянд.

## 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

9.1. Низомномаи Шӯрои маркази таълимӣ - методии Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон» мувофиқи қонунгузорӣ - Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, - таҳия шудааст.

9.2. Низомномаи Шӯрои маркази таълимӣ - методӣ баъди тасдиқ мавриди амал қарор дода мешавад.

9.3. Тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур бо тартиби муқарраршуда ворид карда мешавад.

9.4. Амали Низомномаи мазкур дар ҳолати қабул гардидани Низомномаи нав қатъ мегардад.

Низомнома дар ҷаласаи Шӯрои олимони МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» «28» 10 соли 2020 (суратҷаласаи №4/12) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.